ШАРТНОМА № 520019

оид ба корҳои таъмир ва хизматрасонии техникии Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар ш.Хуҷанд ва Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон

“ 25 ” июни соли 2024 **ш. Хуҷанд**

Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд дар шахсияти мудир Валиев Н.А., ки минбаъд “Фармоишгар” номида мешавад аз як тараф ва ҶДММ “Сайҳуни Хуҷанд”-и шаҳри Хуҷанд (РЯМ 5110016955), дар шахсияти директор Носиров И.Т., ки дар асоси Оиннома амал менамояд, (РМА 630018635), минбаъд “Пудратчӣ” номида мешавад дар асоси Протоколи гузаронидани озмуни хариди давлатӣ тибқи низоми электронӣ ва интихоби озмуни тендер аз 25.06.с.2024, таҳти №520019 ва рақами элон таҳти №422884, шартномаи мазкурро бо шартҳои зерин ба имзо расониданд:

1. Мақсади шартнома

1.1. Дар асоси шартномаи мазкур “Пудратчӣ” уҳдадор мешавад, ки дар асоси Протоколи гузаронидани озмуни ғолиби тендерӣ аз 25.06.с.2024, таҳти №520019 (минбаъд Протокол), ки дар он шумора, намуд ва номгӯи корҳои иҷрошаванда (таъмиршаванда) бо номгӯи маводҳо, арзиш (нарх), тартиби ҳамлу нақли маводҳо, тартиби пардохтҳо ва дигар мавзӯъҳо дарҷ карда шудаанд, корҳои таъмирии “Фармоишгар”-ро дар Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар ш.Хуҷанд ва Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон, воҳеъ дар суроғаи шаҳри Гулистон, минтақаи истироҳатӣ-ро бо маводҳои дастраскардаи худ, анҷом медиҳад. Фармоишгар бошад тибқи қайди Протокол ва бандҳои шартномаи мазкур маблағи онро сари вақт пардохт намояд.

1.2. Муҳлати иҷрои шартнома аз санаи ба имзо расидани он оғоз гардида то санаи 31 декабри соли 2024 амал мекунад. Муҳлати анҷоми шартнома Тарафҳоро аз иҷрои уҳдадории бо ин шартнома муайяншуда озод намекунад.

2. Арзиши корҳо ва тарзи пардохти он

2.1.Арзиши шартномаи мазкур дар асоси Протокол ва ҳаҷми кор барои Шуъбаи минтақавӣ 23871,00 сомонӣ ва барои Маркази таълимӣ 107185,00 сомонӣ дар маҷмӯъ 131 056,00 сомониро бо назардошти қувваи корӣ, маводҳо, ҳамлу нақли маводҳо то суроғаи таъмиршаванда, андозҳои ҳатмии ба буҷет пардохтшаванда ва дигар пардохтҳоро ташкил медиҳад.

2.2.Пас аз ба имзо расидани шартномаи мазкур 40 фоиз аз маблағи умумии шартнома пас аз пешниҳод шудани ҳисоб-фактура пешпардохт карда мешавад. Боқимонда маблағ пас аз ба таври пурра ба иҷро расидани корҳои таъмирӣ ва тартиб додани санади қабул ва супоридан, пардохт карда мешавад.

2.5.Ҳамаи пардохтҳо бо таври ғайринақдӣ ба суратҳисоби Пудратчӣ дар давоми 10 рӯзи кори пас аз пешниҳод шудани ҳисоб фактура амалӣ карда мешаванд.

3. Ҳуқуқ ва уҳдадории Тарафҳо

3.1. Фармоишгар ҳуқуқ дорад:

- бо воситаи намояндаи худ ва ё ҷалби дигар мутахассисони соҳа дар ҳама ҳолат бе дахолат ба фаъолияти Пудратчӣ, рафти иҷроиши корҳо, сифати қисмҳои таъмиршаванда, тарзи дуруст истифода бурдани қисмҳои таъмиршаванда ва ғ.-ро санҷад;
- ҳангоми пайдо шудани нуқсон дар корҳои иҷрошуда, ки бартараф намудани он мӯҳлати тӯлониро талаб мекунад, шартномаро яктарафа қатъ карда аз иҷроиши минбаъдаи он худдорӣ намояд;
- дар ҳолати бо гуноҳи Пудратчӣ зарар дидани воситаҳои асосӣ, ки бояд таъмир карда мешуд барқарор намудани онро аз ҳисоби ӯ талаб намояд;
- иҷроиши саривақтии шартҳои шартномаро талаб намояд;
- дар ҳолати ба миён омадани зарар, ҷарима ва ғ. ҷуброн ва ё пардохти онро талаб намояд;
- барои зебо ва ё босифат шудани кор тавсияҳо диҳад;

3.2. Фармоишгар уҳдадор аст:

- пас аз расмӣ шудани шартномаи мазкур маблағи пешпардохтро тибқи шартҳои шартнома амали намояд;
- насосҳо ва дигар таҷҳизотҳои таъмиршавандаро ба ихтиёри Пудратчӣ гузорад;
- Пудратчиро бо қувваи барқ таъмин намояд;
- дар вақти дамгирӣ ва ё ҳузур надоштани кормандони Пудратчӣ дар маҳалли иҷрои кор, таҷҳизот ва ғайра, ки мавҷуд ҳаст, муҳофизат намояд;
- ҳангоми ба итмом расидани иҷрои кор барои кабул ва супоридан иштирок намояд;
- ҳангоми ошкор гардидани корҳои иҷрошудаи бесифат ҳатман ба пудратчӣ супориши хаттӣ дар бораи бартарафкунии нуқсонҳо диҳад;

3.3. Пудратчӣ ҳуқуқ дорад:

- иҷроиши саривақтии шартҳои шартномаро талаб намояд;

3.4. Пудратчӣ уҳдадор аст:

- дар муҳлатҳои муқаррараргардида иҷро кардани корҳоро бо риояи ҳатмии талаботи экологӣ роҳандозӣ намояд;
- таъмини сифати лозимии корҳои таъмириро мутобиқ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии техники ба роҳ монад;
- саривақти камбудиҳо ва нуқсонҳои ошкоршударо аз ҳисоби худ бартарф кунад;
- ҳангоми зарурият ҳуҷҷатҳои лозимаро аз Фармоишгар ва ё дигар мақомотҳо талаб намояд;
- хавфи эҳтимолияти тасодуфан нобудшавии ашъё ва таҷҳизотҳоро ба уҳда дорад;

- барои аз тарафи намояндаи фармоишгар гузаронидани санҷишҳо монеъагӣ нишон надиҳад;
- супориши намояндаи Фармоишгар оиди ислоҳи нуқсонҳои ҷойдоштаро фавран бартараф намояд;
- махфияти обекти кориро нигоҳ дошта ба кормандони худ манъи ифшои нақшаи бино ва иншоотҳо, гирифтани навору расм ва амалҳои ба ин монанд, корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронад;
- дар вақти корӣ таҷҳизот, олоти корӣ ва ғайраҳоро муҳофизат намояд, дар акси ҳол масъулиятро ба зиммаи худ дорад;
- агар аз иҷроиши шартҳои шартномаи мазкур зарар ва ё ҷарима ба миён ояд, онро ба таври дахлдор ҷуброн намояд;
- дигар ӯҳдадориҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии техникӣ ва шартномаи мазкурро риоя намояд.

4. Супоридан ва қабули корҳои иҷрошуда

4.1. Қабули корҳои иҷрошуда дар асоси санади қабул ва супоридани корҳои иҷрошуда, ки бо иштироки намояндагони Тарафҳо тартиб дода мешавад, ҳисобида мешавад.

4.3. Ҳангоми ба миён омадани баҳс байни «Фармоишгар» ва «Пудратчӣ» оиди камбудиҳои корҳои таъмирӣ, бо талаби яке аз тарафҳо экспертиза таъин шуда метавонад. Хароҷотҳо оиди гузаронидани экспертиза ба тарафе, ки овардааш бо хулосаи эксперт нодуруст дониста мешавад, гузошта мешавад.

5. Ҷавобгарии Тарафҳо

5.1. Фармоишгар барои иҷро накардан ё иҷрои номувофиқи ӯҳдадориҳои пешбининамудаи шартномаи мазкур ҷавобгар аст ва ҷаримаи аҳдшиканиро ба Пудратчӣ дар нарҳҳои амалкунанда дар ҳолатҳо ва миқдори зерин пардохт мекунад:
- барои саркашии беасос аз қабули корҳои иҷрошуда ва тартиб додани ҳуҷҷатҳои дахлдор, ки иҷроиши онҳоро тасдиқ мекунад, - 0,1 фоизи арзиши ин корҳо барои ҳар як рӯзи таъхир, вале на зиёда аз 1 (як) фоиз аз маблағи умумии шартнома;
- барои дар вақтаи муайяншуда накардани пешпардохт, маблағҳо тибқи муҳлат ва шартҳои шартнома - 0,03 фоизи маблаги пардохт нагардида барои ҳар як рӯзи таъхир;

5.2. Пудратчӣ барои иҷро накардан ё иҷрои номувофиқи ӯҳдадориҳои пешбининамудаи шартномаи пудратӣ ҷавобгар аст ва ҷаримаи аҳдшиканиро ба Фармоишгар дар нарҳҳои амалкунанда дар ҳолатҳо ва миқдори зерин пардохт мекунад:
- барои риоя накардани мӯҳлатҳои иҷрои корҳои таъмирӣ, ки мавзӯи шартномаи пудратианд ва супоридани таҷҳизот ба истифодабарӣ - 0,5 фоизи арзиши ин корҳо барои ҳар як рӯзи таъхир, вале на зиёда аз 5 фоизи арзиши корҳои таъмирӣ;

6. Ҳолатҳои ногаҳонӣ

6.1. Дар сурати ба вуҷуд омадани вазъи фавқулода, ки ҳеҷ кадоме аз тарафҳо наметавонад пешбинӣ кунад, вале аз тариқи чораҳои гуногун наметавонад пешгирӣ намояд, то ба иҷрои уҳдадориҳои ин шартномаи тарафҳо таъсир расонад, тарафҳо барои иҷро накардан ё ба таври лозима иҷро накардани уҳдадориҳо аз масъулият озод мебошанд. Тарафе, ки бо сабаби ба вуҷуд омадани вазъи фавқулода уҳдадориҳои шартномавии худро иҷро карда наметавонад бояд дар давоми 30 рӯз оиди ин масоил тарафи дигарро огоҳ созад.

6.2. Агар вазъи фавқулода беш аз шаш моҳ давом кунад «Фармоишгар» ҳуқуқ дорад аз давом додани шартнома даст кашад дар ин ҳолат охирон аз ҳама гуна ҷарима ва муҷозотҳо озод буда, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ҳама масъалаҳоро ба манфиати тарафҳо мусбӣ анҷом диҳад.

7. Шартҳои дигар

7.1. Ҳамаи баҳсу мухолифат байни тарафҳо, ки аз рӯи шартномаи мазкур бар меояд, тарафҳо ҳама чораҳои заруриро оиди ҳалли он бо музокирот меандешанд. Агар ба тарафҳо ҳалли баҳсу мухолифат бо музокирот муяассар нагардад, ҳама гуна баҳсу мухолифат тибқи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи судӣ ҳал карда мешаванд.

7.2 Тарафҳо вазифадоранд махфӣ нигоҳ доштани маълумоти вобаста ба мавзӯи шартнома, ҷараёни иҷрои он ва натиҷаҳои ба даст овардашударо таъмин намоянд.

7.3. Тарафҳо вазифадоранд ҳангоми иваз шудани суратҳисоб, суроғаи ҳуқуқӣ ва дигар масоиле, ки барои иҷроиши шартҳои шартномаи мазкур алоқамандӣ дорад фавран тарафи дигарро хабардор намоянд.

7.4.Тамоми тағйиру иловаҳо ба шартномаи мазкур бо розигии Тарафҳо бо тартиб додани созишномаи иловагӣ ба шартномаи мазкур расмӣ гардонида мешавад.

7.5. Шартномаи мазкур дар 3 (се) нусхаи асл тартиб дода шуда, як нусхагӣ ба Тарафҳо ва як нусхаи дигараш ба Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

8. Мушаххасоти тарафҳо

«Фармоишгар»	«Пудратчӣ»
Шуъбаи минтақавии	ҶДММ "Сайҳуни Хуҷанд", суроғаи:
Бонки миллии	шаҳри Хуҷанд, кӯчаи 50 солагии
Тоҷикистон	СССР 27.
дар ш. Хуҷанд	РМА 510034235, РЯМ 5110016955
кӯчаи К. Хуҷандӣ, 168	с/ҳ20202972400001000785
РМА 510015107	с/м20402972918031000000
	РМБ 350101803 ф.ҶСП БҲҒ дар
	ш.Хуҷанд
Валиев Н.А.	Носиров И.Т.